Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович «Идеологияи сиёсии ҳаракати "Толибон" ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ

Тайи чил соли охир буҳрони Афғонистон аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун мушкилоти амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Солҳои охир нуфузи созмонҳои динию мазҳабӣ дар ин давлат пайваста афзоиш ёфта, таъсири ғоявию мафкуравии онҳо ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ин кишвар, ки низоми идоракунии теократиро дорад, зиёд шуда истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон якона кишвари минтақа мебошад, ки бо ин кишвар сарҳади тулонӣ дошта, дар хатти аввали зоҳиршавии таҳдидҳои амниятии аз ин кишвар бароянда қарор дорад.

Таъсири давлатҳои абарқудрат низ ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайрисуннатии сиёсию динии Афғонистон пайваста сурат гирифта, ин метавонад ба амнияти миллии Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа хатар эҷод намояд. Хафноктарин омил он аст, ки идеологияи равияҳои тундгаро дар Афғонистон ба идеологияи давлатӣ ва низоми сиёсии идоракунии он табдил ёфтааст. Бо ҳамин сабабҳо таҳқиқи ин мавзуъ барои кишвари мо муҳим буда, имкон

медиҳад, ки сатҳи таъсири идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» – толибизм ба Тоҷикистон муайян карда шавад.

Имрӯз зарурати он расидааст, ки бояд аз ҷониби муҳаққиқони сиёсатшинос моҳият ва сохтори шаклҳои гуногуни таҳдидҳо дар соҳаи идеология ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор гирифта, роҳҳои пешгирии онҳо ба таври илмӣ асоснок карда шаванд. Зеро таъсири носозгори идеологияи толибонизм метавонад ба Тоҷикистон дар самти паҳншавии идеологияи исломи сиёсӣ хавфу таҳдидҳои навро ба вуҷуд оварад.

Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеи Тоҷикистон боло бурдани маърифати сиёсӣ ва худшиносии миллии ҷавонон ҳамчун омили боздорандаи ақидаҳо ва идеяҳои барои кишвари мо бегона ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва таҳлили илмию назариявии масъалаи идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мубрам ва саривақти мебошад.

Аз назари диссертант: «толибизм – ин идеологияи исломӣ-иртиҷоӣ ва динию сиёсии низомикардашудаи ҳаракати «Толибон» мебошад, ки дар моҳияти он ақидаҳои ваҳҳобия бо урфу одатҳои паштунӣ (паштунволӣ) омезиш ёфта, дар баробари дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа аз мактаби радикализми сиёсӣ ва динӣ низ сарчашма мегирад» (С. 10).

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки автореферати диссертатсияро ба таври мукаммал пешниҳод намуда, зимни таҳияи он маълумотҳои дақиқ, сарчашмаҳои расмиро истифода намояд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти Ҷ. А. Ҳакимов дар он аст, ки диссертант таъсири идеологияи сиёсию динӣ ва идеологияи радикалии ҳаракати «Толибон»-ро ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқотро истифодаи он дар раванди банақшагирӣ ва роҳандозии сиёсати давлатӣ дар робита бо ҳаракати «Толибон» дар Афғонистон, таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатии сиёсати хориҷӣ, китобҳои дарсӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ ташкил медиҳад.

Диссертант мавқеъ ва муносибати давлатҳои ҳамсарҳадро нисбат ба Афғонистон ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Хусусан, мавқеи Тоҷикистон баъд аз ғасби ҳокимият дар Афғонистон аз ҷониби ҳаракати «Толибон» ба таври қотеъ боқӣ мондааст, ки он сабабҳои объективӣ дорад. Бо дарназардошти сиёсати миллӣ-этникии ҳаракати «Толибон» ва идеологияи сиёсию динии толибизм рӯйи кор омада, мавқеи тоҷикони ин кишвар маҳдуд гардидааст. Ягона роҳи ҳалли бомуваффақонаи ин масъала бо дастгирии ҳамаҷониба аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ташкил намудани ҳукумати фарогир-умумимиллӣ дар Афғонистон мебошад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионӣ «Идеологияи сиёсии ҳаракати “Толибон” ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илман анҷомёфта буда, мазмун ва мундариҷаи он пурра ба талаботи корҳои диссертатсионӣ мувофиқ буда, диссертант Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Муқарриз,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ

Нуриддин П. Р.

Имзои П. Р. Нуриддинро тасдик мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Мустафозода А.

“ 12 “ майи соли 2025

Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: (+992 37) 224 89 52, почтаи электронӣ: panurama@mail.ru